بسم الله الرحمن الرحيم

***Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим***

**قَالَ رَسُول الله (صلّى الله عليه وَ آله):**
**اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْن: كِتَابَ الله، وَعِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي،**
**مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا،**
**وَانَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتىّ يرِدَا**
**عَلَيَّ الْحَوْضَ.**

***Расули Худо(с) фармудаанд:***
***Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд.***

*Саҳеҳи Муслим*, *ҷилди* ***7****, саҳ.* ***122****; Сунани Дорамӣ*, *ҷилди* ***2****, саҳ.* ***432****; Муснади Аҳмад*, *ҷилди* ***3****, саҳ.* ***14, 17, 26, 59****, ҷилди* ***4****, саҳ.* ***366, 371****, ҷилди* ***5****, саҳ.* ***182****, Мустадраки Ҳоким*, *ҷилди* ***3****, саҳ.* ***109, 148, 533*** *ва* ***...***

# Нигариши кӯтоҳе
# ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум

### Қисмати ҳафтум
### Зиндагии пешвои панҷум ҳазрати
### Имом Боқир (а)

**Муаллиф:**
**Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»**

**Мутарҷим:**
**Зарринтоҷ**

**Ношир**
**Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»**

نام کتاب: پیشوای پنجم حضرت امام محمد باقر (ع)
نویسنده: هیأت تحریریه مؤسسه در راه حق
مترجم: زرین تاج
زبان: تاجیکی

**Номи китоб**: Нигариши кӯтоҳе ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум (Зиндагии пешвои панҷум Имом Муҳаммади Боқир)
**Муаллиф**: Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»
**Мутарҷим**: Зарринтоҷ
**Таҳиякунанда**: Муовинати фарҳангии Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт», идораи тарҷума
**Адади нашр**: 3000
**Навбати чоп**: Аввал
**Таърихи чоп**: соли 2008
**Ношир**: Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»
**Чопхона**: Исроъ
ISBN: 978-964-529-210-0
www.ahlul-bayt.org
info@ahlul-bayt.org
**RIGHTS RESERVED FOR**
**THE AHL AL-BAYT (‘A) WORLD ASSEMBLY**

## Сарсухан

***Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим***

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посуххо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухолифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари



ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт(а) медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт(а) захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро дар маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт(а) барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат(а) барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а)-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ(с) моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт (а)*

# Пешвои панҷум ҳазрати Имом Муҳаммади Боқир (а)

### Валодат

Имом Абӯҷаъфар - Боқирулулум, панҷумин пешвои шиаён, ҷумъаи нахустин рӯзи моҳи раҷаби соли панҷоҳу ҳафти ҳиҷрӣ дар шаҳри Мадина чашм ба ҷаҳон кушод.[1] Ӯро Муҳаммад номиданд, Абӯҷаъфар куния ва Боқирулулум, яъне шикофандаи донишҳо лақаби он гиромӣ аст.

Ҳангоми таваллуд нуре аз шукӯҳ ва азамати навзод аҳли байтро фаро гирифт ва ҳамчун дигар имомон поку покиза ба дунё омад.

Имом Боқир(а) аз ду тараф: ҳам аз сӯи падар ва ҳам аз ҷониби модар ба Паёмбар(с), ҳазрати Алӣ(а) ва ҳазрати Фотимаи Заҳро(а) рафта мерасанд. Зеро, падари ӯ Имом Зайнулобидин фарзанди Имом Ҳусайн(а) ва модарашон бонуи гиромӣ Умми Абдулло - духтари Имом Ҳасани Муҷтабо(а) аст.

Азамати Имом Боқир(а) забонзади хоссу ом буд. Ҳар ҷо сухан аз волоии ҳошимиён, алавиён

[1] "Мисбоҳулмутаҳаҷҷид"-и Шайх Тусӣ, саҳ. 557



ва фотимиён ба миён меомад, ӯро вориси он ҳама бузургию шуҷоат мешинохтанд ва ҳошимӣ, алавӣ ва фотимӣ мехонданд.

Ростгӯтарини лаҳҷаҳо, ҷаззобтарини чеҳраҳо ва бахшандатарини инсонҳо бархе аз хусусиятҳои Имом Боқир(а) аст.

Гӯшае аз шарофат ва бузургвории он гиромиро дар гузориши зер мехонем:

Паёмбар(с) ба яке аз ёрони порсои худ Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ фармуд: эй Ҷобир! Ту зинда мемонӣ ва фарзандам Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолибро, ки номаш дар “Таврот” “Боқир” аст, мебинӣ. Дар он ҳангом саломи маро ба ӯ бирасон.

Паёмбар(с) реҳлат карданд ва Ҷобир умри дароз ёфт. Рӯзе ӯ ба хонаи Имом Зайнулобидин(а) омад ва Имом Боқирро, ки кӯдаки хурдсол буд дид. Ба ӯ гуфт:

- Пеш биё. Имом Боқир(а) омад.

Гуфт:

- Бирав...

Имом бозгашт. Ҷобир андом ва роҳрафтани ӯро тамошо кард ва гуфт:

- Ба Худои Каъба савганд оинаи тамомнамои Паёмбар(с) аст.

Он гоҳ аз Имом Саҷҷод(а) пурсид:

- Ин кӯдак кист?

Фармуд:

- Имоми пас аз ман, фарзандам Муҳаммади Боқир аст.

Ҷобир бархост ва пойҳои Имом Боқир(а)-ро бӯса зад ва фармуд: “Фидоят шавам, эй фарзанди Паёмбар(с), салом ва дуруди падарат Паёмбари Худо(с)-ро бипазир, ки ӯ туро салом расонда аст”.

Дидагони Имом Боқир(а) пур аз ашк шуд ва фармуд: “Салом ва дуруд ба падарам Паёмбари Худо(с) бод, то ба он ҳангом ки осмонҳо ва замин пойдоранд ва бар ту эй Ҷобир, ки саломи ӯро ба ман расондӣ”.[1]

### Дониши Имом (а)

Дониши Имом Боқир(а) низ монанди дигар имомон аз сарчашмаи ваҳйи илоҳӣ буд. Онҳо омӯзгоре надоштанд ва дар мактабе ҳам нахонда буданд. Ҷобир ибни Абдулло назди Имом Боқир(а) меомад ва аз он ҳазрат дониш фаро мегирифт. Ӯ ба он гиромӣ гаштаю баргашта мегуфт:

> ***“Эй шикофандаи илмҳо! Гувоҳӣ медиҳам, ки ту аз кӯдакӣ аз дониши худодод бархурдорӣ”.***[2]

Абдулло ибни Атои Маккӣ мегуфт:

[1] “Амолӣ”-и Шайх Садуқ, саҳ.211, чопи сангӣ

[2] “Илалушшаройеъ”-и шайх Садуқ ҷ.1 саҳ.222, чопи Қум



> ***“Ҳаргиз донишмандонро назди касе чунон ҳақиру нотавон наёфтам, ҷуз назди Имом Боқир (а). Ҳакам ибни Утайба, ки дар чашми мардумон ҷойгоҳи илмии волое дошт, дар пешгоҳи Имом Боқир[(а)] чун кӯдаке дар баробари омӯзгор буд”.***[1]

Шахсияти осмонӣ ва шукӯҳи илмии Имом Боқир(а) чунон хиракунанда буд, ки Ҷобир ибни Язиди Ҷӯъфӣ ҳангоми ривоят аз он гиромӣ мегуфт: “Васии авсиё ва вориси улуми анбиё, Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн маро чунин ривоёт кард...”[2]

Марде аз Абдуллоҳи Умар масъалаеро пурсид ва ӯ дар посух оҷиз монд. Ӯ ба саволдиҳанда Имом Боқирро нишон дод ва гуфт:

- Аз ин кӯдак бипурс ва маро низ аз ҷавоби он огоҳ соз. Он мард аз Имом(а) пурсид ва посухи қонеъкунанда шунид ва ба Абдуллоҳи Умар бозгӯ кард. Абдулло гуфт:

- Инҳо хонадоне ҳастанд, ки донишашон худодод аст.[3]

**Абӯбасир** мегӯяд:

[1] “Иршод”-и шайх Муфид саҳ.246, чопи охундӣ

[2] “Иршод”-и шайх Муфид саҳ.246, чопи охундӣ

[3] “Маноқиб”-и Ибни Шаҳрошӯб ҷ.3 саҳ329, чопи Наҷаф

-Бо Имом Боқир(а) ба масҷиди Мадина ворид шудем, дар ҳоле ки мардум дар рафтуомад буданд. Имом ба ман фармуд:

- Аз мардум бипурс оё маро мебинанд? Аз ҳар ки пурсидам оё Абӯҷаъфарро дидаӣ, посухи манфӣ шунидам, дар ҳоле, ки Имом(а) дар канори ман истода буд. Дар ин ҳангом яке аз дӯстони ҳақиқии он ҳазрат Абӯҳорун, ки нобино буд, ба масҷид даромад. Имом(а) фармуд:

- Аз ӯ низ бипурс.

Аз Абӯҳорун пурсидам:

- Оё Абӯҷаъфарро дидӣ?

Фавран ҷавоб дод:

- Магар канори ту наистодааст?

Гуфтам:

- Аз куҷо пай бурдӣ?

Гуфт:

- Чӣ гуна надонам, дар ҳоле ки ӯ нури рахшандае аст.[1]

**Абӯбасир** боз мегӯяд:

- Имом Боқир(а) аз яке аз африқоиён ҳоли яке аз шиаёни худ, ки Рошид ном дошт, ҷӯё шуд.

Ҷавоб дод:

- Хуб буд ва салом мерасонд.

Имом фармуд:

- Худо раҳматаш кунад.

---

[1] "Биҳоруланвор" ҷ.46 саҳ.243



Бо тааҷҷуб гуфт:

- Магар ӯ мурдааст?

Фармуд:

- Бале.

Гуфт:

- Чӣ вақт даргузашт?

Фармуд:

- Ду рӯз пас аз ба роҳ баромадани ту.

Гуфт:

- Ба Худо савганд ӯ бемор набуд...

Фармуд:

- Магар ҳар кас мемирад ба ҷиҳати беморӣ аст?

Он гоҳ Абӯбасир аз Имом(а) дар бораи аз дунё гузаштани ӯ пурсид.

Имом(а) фармуд:

- Ӯ аз дӯстон ва шиёни мо буд. Гумон мекунед, ки чашмҳои бино ва гӯшҳои шунавое барои мо ҳамроҳи шумо нест, ваҳ чӣ пиндори нодурусте аст! Ба Худо савганд ҳеҷ чиз аз кирдоратон барои мо пинҳон нест. Пас моро назди худатон ҳозир бидонед ва худро ба кори нек одат кунонед, аз аҳли хайр бошед, то ба ҳамин нишона ва аломат шинохта шавед. Ман фарзандон ва шиаёнамро ба ин барнома фармон медиҳам.[1]

Яке аз ровиён нақл мекунад, ки дар Кӯфа ба зане Қуръон меомӯхтам. Рӯзе бо ӯ шӯхӣ кардам

---

[1] "Биҳоруланвор" ҷ.46 саҳ.243

ва баъд ба дидори Имом Боқир(а) шитофтам. Ҳазрат фармуд:

- Касе (ҳатто) дар пинҳонӣ гуноҳ содир кунад, Худованд ба ӯ эътино ва таваҷҷӯҳе надорад. Ба он зан чӣ гуфтӣ?

Аз шармсорӣ чеҳраамро пӯшондам ва тавба кардам. Имом фармуд:

- Такрор накун.[1]

### Ахлоқи Имом Боқир (а)

Марде аз аҳли Шом дар Мадина сокин буд ва ба хонаи Имом Боқир(а) бисёр рафтуомад мекард ва ба он гиромӣ мегуфт: "... Дар рӯи замин буғзу кинаи касеро беш аз ту дар дил надорам ва бо ҳеҷ кас беш аз тую хонадонат душман нестам! Ақидаам он аст, ки итоати Худою Паёмбар(с) ва Амири Мӯъминон(а) дар душманӣ бо туст. Агар мебинӣ, ки ба хонаи ту рафтуомад дорам, ин аз он ҷиҳат аст, ки ту марди суханвар, адиб ва хушбаён ҳастӣ!"

Дар айни ҳол Имом (а) бо ӯ мадоро мекард ва бо нармӣ сухан мегуфт. Чанд вақт гузашт ва марди шомӣ бемор шуд. Вай маргро рӯ ба рӯи хеш дид ва аз зиндагӣ ноумед шуд, пас васият кард, ки чун даргузарад Абӯҷаъфар (Имом Боқир(а)) бар ӯ намоз гузорад.

[1] "Биҳоруланвор" ҷ.46, саҳ.246



Шаб ба нима расид ва хешовандонаш ӯро тамомшуда ёфтанд. Бомдод васии ӯ ба масҷид омад ва Имом Боқир(а)-ро дид, ки намози субҳро тамом карда ба дуохонӣ нишаста аст. Он гиромӣ ҳамеша баъд аз намоз ба зикру дуо мепардохт.

Васӣ гуфт:

- Он марди шомӣ ба дигар сарой шитофта ва худ чунин хостааст, ки шумо бар ӯ намоз гузоред.

Фармуд:

- Ӯ намурда аст..., шитоб накунед, то ман биёям.

Пас бархост, аз нав таҳорат кард, ду ракъат намоз хонд, дастҳояшро ба дуо бардошт, сипас ба саҷда рафт ва ҳамчунон то баромадани офтоб дар саҷда монд. Он гоҳ ба хонаи марди шомӣ омада бар болини ӯ нишаст. Ӯро садо зад ва ӯ ҷавоб дод. Имом ӯро барнишонд ва пушташро ба девор такя дод ва шарбате талабиду ба коми ӯ рехт. Баъд аз он ба хешовандону бастагонаш фармуд, ки таомҳои сард ба ӯ бидиҳанд ва худ ба манзил баргашт.

Дере нагузашта он марди шомӣ шифо ёфт ва назди Имом (а) омад ва гуфт: ***"Гувоҳӣ медиҳам, ки ту ҳуҷҷати Худо бар мардумонӣ..."***.[1]

Муҳаммад ибни Мункадир, ки аз сӯфиёни он замон буд, мегӯяд: дар рӯзи бисёр гарме аз

[1] "Амолӣ"-и Шайх Тӯсӣ саҳ.261 чопи сангӣ

Мадина берун рафтам ва Абӯҷаъфар - Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайнро дидам, ки ҳамроҳ бо ду тан аз дӯстонаш аз сари киштзори худ бармегашт. Ба худ гуфтам: марде аз бузургони қурайш дар чунин вақте дар пайи дунёст! Бояд ӯро панд бидиҳам.

Наздик омадам ва салом кардам, Имом (а) дар ҳоле ки арақ аз сару рӯяш мерехт, посухи саломамро дод.

Гуфтам:

- Худо шуморо саломат дорад, оё шахсияте чун шумо дар ин ҳангом ва бо ин ҳол дар пайи дунё меравад? Агар дар ин ҳолат маргат фаро расад, чӣ мекунӣ?

Фармуд:

- Ба Худо савганд, агар марг даррасад дар ҳоли итоати Худованд хоҳам буд, зеро ман ба ин восита худро аз ту ва дигар мардумон бениёз месозам. Аз марг дар он ҳолат бимнокам, ки машғули гуноҳе бошам.

Гуфтам:

- Раҳмати Худо бар ту бод, мепиндоштам, ки туро панд медиҳам, аммо ту маро панд додӣ ва огоҳ сохтӣ.[1]

[1] "Иршод"-и Муфид, чопи охундӣ саҳ.247



**Имом ва Умавиён**

Имом(а) чи хонанишин бошад ва чи дар ҷомеа дар байни мардум, дар мақоми имоматиаш тафовуте рух намедиҳад. Зеро имомат ба монанди рисолат мансаби худоӣ аст. Барои мардумон сазовор нест, ки пеши дили худ имоме барояшон интихоб кунанд.

Ғосибону таҷовузкорон ҳамеша ба мақоми волои Имом(а) рашк мебурданд ва ба ҳар васила барои ғасбу тасарруфи ҳукумат ва хилофат, ки хосси имомон буд, даст дароз мекарданд. Онҳо дар ин роҳ аз ҳеҷ ҷинояте даст намекашиданд.

Бархе аз даврони имоматии Имом Боқир (а) ҳамзамони ҳукумати золимонаи Ҳишом ибни Абдулмалики Умавӣ буд. Ҳишом ва дигар Умавиён ба хубӣ медонистанд, ки агар ҳукумати зоҳирро бо ситам ва ҷиноят ба ғасб гирифтаанд, аммо ҳаргиз наметавонанд ҳукумат дар дилҳоро аз хонадони Паёмбар(с) бирабоянд.

Азамати маънавии имомони гиромӣ чунон гиро буд, ки гоҳе душманон ва ғосибон худ ҳайрон мемонданд ва ба тавозӯъ бармехостанд:

Ҳишом дар яке аз солҳои ҳукуматаш ба ҳаҷ омада буд ва Имом Боқир(а) ва Имом Содиқ(а) низ ҷузви ҳоҷиён буданд. Рӯзе Имом Содиқ(а) дар байни анбӯҳи бузурге аз ҳоҷиён хутбае хонд:

***"Сипос Худоеро, ки Муҳаммад(с)-ро ба ростӣ фиристод ва моро ба ӯ гиромӣ***

***сохт. Пас мо баргузидагони Худо дар миёни офаридагон ва ҷонишинони Худо (дар замин) ҳастем. Растагор касе аст, ки пайрави мо бошад ва шӯрбахт он аст, ки бо мо душманӣ варзад".***

Имом Содиқ(а) баъдҳо мефармуд: гуфтори маро ба Ҳишом хабар бурданд, вале ба мо эътироз накард, то ба Димишқ баргашт ва мо низ ба Мадина баргаштем. Ӯ ба ҳокими худ дар Мадина фармон дод, то ман ва падарамро ба Димишқ фиристад.

Ба Димишқ даромадем ва Ҳишом то се рӯз моро наздаш даъват накард. Рӯзи чаҳорум бар ӯ ворид шудем. Ҳишом бар тахт нишаста буд ва дарбориён дар баробараш ба тирандозию ҳадафгирӣ саргарм буданд.

Ҳишом падарамро ба ном ҷеғ зад ва гуфт:

- Бо бузургони қабилаат тирандозӣ кун.

Падарам фармуд:

- Ман пир шудаам ва тирандозӣ аз ман гузашта аст, маро маъзур дор.

Ҳишом исрор варзид ва савганд дод, ки бояд ин корро иҷро кунӣ. Ӯ ба пирамарде аз бани Умайя гуфт, ки камонатро ба ӯ бидеҳ. Падарам камонро гирифт ва тире ба он ниҳод ва партоб кард. Аввалин тир бехато дар мобайни нишон ба ҳадаф расид. Дувумин тирро дар камон ниҳод ва онро дар ҷои тири аввал ба нишон расонд. Тири сеюм бар дуюм ва чаҳорум бар сеюм... ва нӯҳум



бар ҳаштум рӯиҳам як нуқтаро сӯрох карданд. Фарёди ҳозирон ба осмон печид. Ҳишом беқарор шуд ва фарёд зад:

- Офарин Абӯҷаъфар! Ту дар араб ва аҷам саромади тирандозонӣ, чӣ тавр мепиндорӣ, ки замони тирандозиат гузашта аст...

Дар ҳамон ҳангом тасмим ба қатли падарам гирифт. Ӯ сар ба зер афканда фикр мекард ва мо дар баробари ӯ истода будем. Истодани мо тӯлонӣ шуд ва падарам аз ин бобат ба хашм омад. Вақте ки он гиромӣ хашмгин мешуд, ба осмон менигарист ва хашм дар чеҳрааш ошкор мегашт. Ҳишом ғазаби ӯро пай бурд ва моро сӯи тахти худ фаро хонд. Ӯ аз ҷой бархост ва падарамро аз тарафи рости худ бар тахт нишонд ва маро низ дар бар гирифт ва бар дасти рости падарам нишонд. Вай бо падарам ба гуфтугӯ нишаст ва гуфт:

- Қурайш то чун туеро дорад, бар арабу аҷам фахр мекунад. Офарин бар ту, чунин тирандозиро аз чӣ касе ва дар чанд муддат омӯхтаӣ?

Падарам фармуд:

- Медонӣ, ки мардуми Мадина тирандозӣ мекунанд ва ман дар ҷавонӣ муддате ба ин кор мепардохтам ва баъд тарк кардам то ин вақт, ки ту аз ман хостӣ.

Ҳишом гуфт:

- Аз он вақте, ки худро шинохтам то ба ин рӯз тирандозеро ба ин забардастӣ надида будам, гумон намекунам касе дар рӯи замин чун ту бар ин ҳунар тавоно бошад. Оё фарзандат Ҷаъфар низ метавонад, мисли ту тирандозӣ кунад?

Фармуд:

- Мо "камол ва тамом"-ро ирс мебарем. Ҳамон камол ва тамоме, ки Худо бар Паёмбараш(с) фурӯд овард, он ҷо ки Қуръон мефармояд: "**Ал явма акмалту лакум динакум ва атмамту ъалайкум ниъматӣ ва разийту лакум ал-ислома динан**"[1]. Замин аз касе, ки бар ин корҳо комилан тавоно бошад, холӣ намемонад.

Ҳишом аз шунидани ин суханҳо ба хашм омад ва чеҳрааш сурх шуд, андаке сар ба зер афканд ва дубора сарашро бардошта гуфт:

- Магар мо ва шумо аз дудмони Абдуманоф нестем, ки дар нисбат баробарем?

Имом фармуд:

- Бале, аммо Худо моро хусусиятҳое дода аст, ки ба дигарон надода аст.

Пурсид:

- Магар Худо пайёмбарро аз хонадони Абдуманоф ба сӯи ҳамаи мардум ва барои ҳамаи мардум: сафед, сиёҳ ва сурх нафиристодааст?

[1] Сураи "Моида", ояти 3



Шумо аз куҷо ин донишро ба ирс бурдаед. Дар ҳоле, ки пас аз Паёмбари Ислом(с) паёмбаре нахоҳад буд ва шумоён паёмбар нестед?

Имом(а) фармуд:

- Худованд дар Қуръон ба Паёмбар(с) мефармояд:

***"Забонатро пеш аз он, ки ба ту ваҳӣ шавад барои хондани Қуръон ҳаракат мадеҳ".***[1]

Паёмбаре, ки ба шарҳи ин оят забонаш тобеи вай аст, ба мо хусусиятҳое дода аст, ки ба дигарон надода аст. Ба ҳамин ҷиҳат бо бародараш Алӣ(а) асрореро мегуфт, ки ба дигарон ҳаргиз намегуфт. Худованд дар ин бора мефармояд:

"**Ва таъияҳо узунун воъия**"[2],- ***яъне он чи ба ту ваҳӣ мешавад ва асрори туро гӯше фарогиранда фаро мегирад.***

Паёмбари Худо(с) ба Алӣ(а) фармуд: Аз Худо хостам, ки онро гӯши ту қарор диҳад. Алӣ ибни Абӯтолиб низ дар Кӯфа фармуд:

> ***"Паёмбари Худо(с) ҳазор дареро аз дониш ба рӯи ман кушод, ки аз ҳар дар ҳазор дари дигар кушода шуд"...***

Ҳамон тавре ки Худованд Пайғамбар(с)-ро хусусиятҳои хосссе дод, Паёмбар(с) низ Алӣ(а)-ро интихоб кард ва чизҳое ба ӯ омӯхт, ки ба дигарон

[1] Сураи "Қиёмат", ояти 16

[2] Сураи "Алҳоқа", ояти 12

наомӯхт. Дониши мо аз он манбаи пурфайз сарчашма мегирад ва танҳо мо онро ба ирс бурдаем на дигарон.

Ҳишом гуфт:

- Алӣ(а) даъвогари илми ғайб буд, ҳол он ки Худо касеро бар ғайб доно насохт.

Падарам фармуд:

- Худо бар паёмбари хеш китобе фиристод, ки дар он ҳама чиз аз гузашта ва оянда то рӯзи растохез баён шуда аст. Худованд дар Қуръони карим мефармояд:

**"Ва наззални ъалайкал китоба тибёнан ликулли шайъин,-** ***Бар ту китобе фурӯ фиристодем, ки баёнкунандаи ҳамаи чиз аст"***.[1]

Дар ҷои дигар фармуд:

> ***"Ҳама чизро дар китоб равшан ба ҳисоб овардаем"***[2] ***ва низ "Ҳеҷ чизро дар ин китоб фурӯгузор накардем".***[3]

Худованд ба Паёмбар фармон дод, ки ҳамаи асрори Қуръонро ба Алӣ биёмӯзад. Паёмбар(с) ба уммат мефармуд: "Алӣ аз ҳамаи шумо дар қазоват донотар аст...".

Ҳишом сокит монд ва Имом (а) аз боргоҳи ӯ хориҷ шуд.[1]

---

[1] Сураи "Наҳл", ояти 89

[2] Сураи "Ёсин", ояти 12

[3] Сураи "Анъом", ояти 38



**Имом ба мухолифон исбот мекунад**

Абдулло ибни Нофеъ аз душманони Амири мӯъминон Алӣ(а) буд ва мегуфт:

-Агар дар рӯи замин касе метавонад маро қонеъ созад, ки дар куштани "Хавориҷи Наҳравон" ҳақ бо Алӣ буда аст, ман ба ӯ рӯй хоҳам овард, гарчи дар Машриқ бошад ё дар Мағриб.

Ба Абдулло гуфтанд:

- Оё мепиндорӣ, фарзандони Алӣ(а) низ наметавонанд ба ту собит кунанд?

Гуфт:

- Магар дар миёни фарзандони ӯ донишманде ҳаст?

Гуфтанд:

- Ин худ санади нодоноии туст! Магар мумкин аст дар дудмони ҳазрати Алӣ(а) донишманде набошад?!

Пурсид:

- Дар ин замон донишмандашон кист? Имом Боқир(а)-ро ба ӯ муаррифӣ карданд. Ӯ бо ҳамроҳии ёрони хеш ба Мадина омад ва аз Имом(а) хоҳиши мулоқот кард...

---

[1] "Далоилулимома"-и Табарии шиӣ, саҳ.104-106, чопи дуввум, Наҷаф.

Имом ба яке аз ғуломони худ фармон дод, бору бӯнаи ӯро фурӯд оварад ва ба ӯ бигӯяд, ки фардо назди Имом(а) ҳозир шавад.

Бомдоди рӯзи дигар Абдулло бо ёрони худ ба маҷлиси Имом(а) омад ва он гиромӣ низ фарзандон, бозмондагони муҳоҷирон ва ансорро фаро хонд. Вақте ҳама гирд омаданд, Имом(а) дар ҳоле ки ҷомаи сурх дар тан дошт ва дидораш чун моҳ зебо буд, фармуд:

> ***Сипос хосси Худое аст, ки офаринандаи замон ва макон ва чигунагиҳост. Ҳамд Худоеро, ки на чурт[1] дораду на хоб ва он чи дар осмонҳо ва замин аст мулки ӯст... Гувоҳам, ки ҷуз Аллоҳ худое нест ва Муҳаммад бандаи баргузида ва паёмбари ӯст. Сипос Худоеро, ки ба нубувваташ моро гиромӣ дошт ва ба вилояташ моро махсус гардонид.***
>
> ***Эй гурӯҳи фарзандони муҳоҷир ва ансор! Ҳар кадоматон фазилате аз Алӣ ибни Абӯтолиб доред, бигӯед.***

Ҳозирон ҳар як фазилате баён карданд, то сухан ба “Ҳадиси Хайбар” расид, гуфтанд: Паёмбар дар набард бо яҳудони Хайбар фармуд:

[1] Чашм ба ҳам задан, пинак рафтан, лаҳзае аз худ бехуд шудан.



**«Лауътияннар роята ғадан раҷулан юҳиббуллоҳа ва расулаҳу ва юҳиббуҳуллоҳу ва расулуҳу, карроран ғайра фаррорин, ло ярҷиъу ҳатто яфтаҳаллоҳу ъало ядайҳи».**

> ***Фардо парчамро ба шахсе месупорам, ки дӯстдори Худо ва Паёмбари ӯст ва Худо ва Паёмбар низ ӯро дӯст медоранд. Размоваре аст, ки ҳаргиз фирор намекунад ва аз набарди фардо боз намегардад, то Худованд ба дасти ӯ ҳисори яҳудонро фатҳ фармояд.***

Рӯзи дигар парчамро ба Алӣ ибни Абӯтолиб супорид ва он гиромӣ бо набарде шигифтофарин яҳудонро шикаст дод ва қалъаи азими онҳоро фатҳ намуд.

Имом Боқир(а) ба Абдулло ибни Нофеъ фармуд:

- Дар бораи ин ҳадис чӣ мегӯӣ?

Гуфт:

- Ҳадиси дурусте аст, вале Алӣ баъдҳо кофир шуд ва хавориҷро ба ноҳақ кушт!

Фармуд:

- Модарат дар мотами ту нишинад. Оё Худо он гоҳ, ки Алиро дӯст медошт, медонист, ки ӯ “хавориҷ”-ро мекушад ё намедонист? Агар гӯӣ Худо намедонист кофир хоҳӣ шуд.

Гуфт:

- Медонист.

Фармуд:

**-** Худо ӯро ба он ҷиҳат, ки фармонбардори ӯст, дӯст медошт ё ба сабаби нофармонӣ ва гуноҳ.

Гуфт:

**-** Чун фармонбардори Худо буд, Худованд ӯро дӯст медошт. (Яъне, агар дар оянда низ гунаҳкор мебуд, Худованд медонист ва ҳаргиз дӯстдори ӯ намебуд. Пас маълум мешавад куштани Хавориҷ итоати Худо буда аст).

Фармуд:

**-** Бархез, ки маҳкум шудӣ ва ҷавобе надорӣ.

Абдулло бархост ва ишора ба ин, ки ҳақиқат чун сапедии субҳ ошкор шуд, ин оятро тиловат намуд:

**«Ҳатто ятабайяна лакумул хайттул абязу минал хайттил асвади минал фаҷри»**[1]

Ва изофа намуд:

***“Худо беҳтар медонад рисолати хешро дар чӣ хонадоне қарор диҳад”.***[2]

## Зарби сиккаи исломӣ ба дастури Имом Боқир (а)

Дар садаи аввали ҳиҷрӣ санъати коғаз дар дасти румиён буд ва масеҳиёни Миср низ, ки коғаз месохтанд ба равиши румиён ва бинобар эътиқоди масеҳият нишони “**Аб, Ибн ва Рӯҳ**”-ро

[1] Сураи “Бақара”, ояти 186

[2] Сураи “Анъом”, ояти 124, истифода аз “Кофӣ” ҷ.6 саҳ.349.



бар он мезаданд. Абдулмалики Умавӣ марди зираке буд ва вақте чунин коғазеро дид, фармон дод, ки навиштаҷоти онро барои ӯ ба арабӣ тарҷума кунанд. Чун маънои онро дарёфт хашмгин шуд, ки чаро дар Миср, ки кишвари исломӣ аст бояд маснуоте чунин нишона дошта бошад. Вай ба фармондори Миср навишт, ки аз ин пас бар коғазҳо шиори тавҳид – “**Шаҳидаллоҳу аннаҳу ло илоҳа илло ҳу**” бинависанд. Ӯ ба фармондорони соири вилоятҳои исломӣ низ фармон дод, ки коғазҳое, ки нишони мушриконаи масеҳият доранд аз байн бибаранд ва аз коғазҳои нав истифода баранд.

Коғазҳои нав бо нишонаи тавҳиди исломӣ ривоҷ ёфт ва ба шаҳрҳои Рум низ расид. Ин хабарро ба қайсар бурданд ва ӯ дар номае ба Абдулмалик навишт:

**-** Санъти коғаз ҳамроҳ бо нишони румӣ буд. Агар кори ту дар манъи он дуруст аст, пас халифаҳои гузаштаи Ислом хато карда будаанд ва агар онҳо ба роҳи дуруст рафтаанд, пас ту хато кардаӣ. Ман ҳамроҳи ин нома барои ту ҳадияи лоиқ фиристодам ва дӯст дорам ки ҷинсҳои нишонадорро ба ҳоли собиқ во гузорӣ. Ҷавоби мусбати ту сабаби сипосгузории мо хоҳад шуд. Абдулмалик ҳадяро напазируфт ва ба қосиди қайсар гуфт: “Ин нома ҷавобе нахоҳад дошт”.

Қайсар бори дигар ҳадяе ду баробари дафъаи пеш барои ӯ фиристод ва навишт:

- Гумон мекунам чун ҳадяро ночиз донистӣ, напазируфтӣ, инак ду баробар фиристодам ва моилам ҳадяро ҳамроҳ бо хостаи қаблии ман пазирӣ. Абдулмалик боз ҳадяро рад кард ва номаро беҷавоб гузошт.

Қайсар ин бор ба ӯ навишт:

> ***- Ду бор ҳадяи манро рад кардӣ ва хостаи маро набаровардӣ, бори сеюм ҳадяро дучандони собиқ фиристодам ва савганд ба Масеҳ, агар аҷноси нишондорро ба ҳоли пеш барнагардонӣ, фармон медиҳам, то зару симро бо дашном ба Паёмбари Ислом сикка бизананд. Ту медонӣ, ки зарби сикка хосси мо румиён аст. Вақте сиккаҳоро бо дашном ба паёмбаратон бибинӣ, арақи шарм бар пешониат менишинад. Ҳамон беҳтар, ки ҳадяро бипазирӣ ва хостаи моро бароварӣ, то равобити дӯстонаамон чун гузашта барҷо бимонад.***

Абдулмалик дар ҷавоб ҳайрон монд ва гуфт:

- Фикр мекунам нангинтарин мавлуде, ки дар Ислом зода шуда бошад ман бошам, ки сабаби ин кор шудам ва ба ин сабаб ба Паёмбари Худо(с) дашном диҳанд. Ӯ бо мусулмонон ба машварат



пардохт, вале ҳеҷ кас натавонист чорае андешад. Яке аз ҳозирон гуфт:

- Ту худ роҳи чораро медонӣ, аммо қасдан онро раҳо мекунӣ.

Абдулмалик гуфт:

- Вой бар ту, чорае, ки ман медонам кадом аст?

Гуфт:

- Бояд аз Боқири аҳли байти Паёмбар(с) чораи ин мушкилро бипурсӣ.

Абдулмалик гуфтори ӯро тасдиқ кард ва ба фармондори Мадина навишт, ки Имом Боқир(а)-ро бо эҳтиром ба Шом бифиристад. Вай фиристодаи қайсарро дар Шом нигаҳ дошт, то Имом(а) ба Шом омад ва воқеаро ба ӯ нақл карданд.

Имом фармуд:

Таҳдиди қайсар дар бораи Паёмбар(с) амалӣ нахоҳад шуд. Худованд ин корро ба ӯ мумкин нахоҳад сохт ва роҳи чора низ осон аст. Ҳарчи зудтар санъатгаронро гирд овар, то ба сохтани зарби сикка бипардозанд. Дар як рӯи он сураи “Тавҳид” ва бар рӯи дигараш номи Паёмбар(с)-ро нақш кунанд. Ба ин тартиб аз сиккаҳои румӣ бениёз мешавем. Имом дар бораи вазни сиккаҳо низ тавзеҳот дод: вазни ҳар даҳ дирҳам аз се навъ сикка ҳафт мисқол бошад. Инчунин номи шаҳре, ки дар он сикка мезананд ва таърихи соли зарбро бар сиккаҳо дарҷ кунанд. Имом (а) фармуд: се навъ сикка зарб шавад. Навъи аввал: ҳар дирҳам

як мисқол ва даҳ дирҳами он 10 мисқол; навъи дуюм: ҳар даҳ дирҳам 6 мисқол ва навъи сеюм: ҳар даҳ дирҳам 5 мисқол бошад. Ба ин тартиб ҳар сӣ дирҳам аз се навъ 21 мисқол мешавад ва ин баробар бо сиккаҳои румӣ мебошад. Мусулмонон вазифадор буданд, ки сӣ дирҳами румӣ, ки 21 мисқол буд биёваранд ва сӣ дирҳами нав гиранд.

Абдулмалик дастури имомро амалӣ сохт ва ба ҳамаи шаҳрҳои исломӣ нома навишт, ки муомилот бояд ба сиккаҳои нав анҷом шавад. Ҳар касе ки сиккаҳои румӣ дорад бояд онҳоро ба сиккаи исломӣ иваз кунад. Он гоҳ фиристодаи қайсарро аз он чи анҷом шуда буд, огоҳ сохт ва баргардонд.

Қайсарро аз моҷаро огоҳ сохтанд ва дарбориён аз ӯ хостанд, ки таҳдиду гуфтаҳояшро амалӣ созад. Қайсар гуфт: - Ман хостам Абдулмаликро ба хашм оварам ва инак ин кор беҳуда аст, чунки дар кишварҳои исломӣ дигар бо пули румӣ муомила намекунанд.

### Асҳоби Имом Боқир (а)

Дар мактаби Имом Абӯҷаъфар Боқирулулум, ки дуруди фариштагон бар ӯ бод, шогирдони намуна ва мумтоз парвариш ёфтанд, ки инак ба номи гурӯҳе аз онон ишора мешавад:

**1- Абон ибни Тағлаб**:



Маҳзари се имомро дарёфта буд: Имом Зайнулобидин(а), Имом Муҳаммади Боқир(а) ва Имом Ҷаъфари Содиқ (а). Абон аз шахсиятҳои илмии асри худ буд. Ӯ дар тафсир, ҳадис, фиқҳ, қироат ва луғат дониши бисёре дошт. Волоии дониши Абон чунон буд, ки Имом Боқир(а) ба ӯ амр фармуд, ки дар масҷиди Мадина ва барои мардумон фатво бидеҳ, зеро дӯст дорам мардум чун туеро дар миёни шиаёни мо бубинанд.

Абон ҳар вақт ба Мадина меомад, дарсҳо ташкил мекард. Дар масҷид ҷойгоҳи хитобаҳои Паёмбар(с)-ро барои дарсдиҳии ӯ холӣ мекарданд.

Чун хабари вафоти Абонро ба Имом Содиқ(а) расонданд, фармуданд:

> ***“Ба Худо савганд марги Абон қалбамро ба дард овард”.***[1]

**2- Зурора**:

Донишмандони шиа миёни шогирдони Имом Боқир ва Имом Содиқ(а) шаш танро донотарин мешумориданд ва Зурора яке аз онҳост. Имом Содиқ(а) худ мефармуданд: “Агар “Бурайд ибни Муовия”, “Абӯбасир”, “Муҳаммад ибни Муслим” ва “Зурора” намебуданд, осори паёмбарӣ (маорифи аҳли байти Расул) аз миён

[1] “Ҷомеуррувот” ҷ.1 саҳ.9

мерафт. Онҳо бар ҳалол ва ҳароми Худо аминанд".

Ҳазрат боз мефармуданд: "Бурайд, Зурора, Ибни Муслим ва Аҳвал дар зиндагӣ ва марг назди ман маҳбубтарини мардумонанд".

Зурора дар дӯстии Имом(а) чунон устувор буд, ки Имом Содиқ(а) маҷбур шуданд дар зоҳир барои ҳифзи ҷони ӯ ба айбҷӯӣ ва бадгӯии ӯ бипардозанд. Имом пинҳонӣ ба ӯ гуфтанд: агар дар бораи ту бадгӯӣ мекунам ин барои амн доштани туст, зеро душманон моро ба ҳар кас алоқаманд бубинанд ба озори ӯ мекӯшанд. Ту ба дӯстии мо шӯҳрат дорӣ, ман ночорам ва чунин рафтор мекунам. Зурора аз қироат, фиқҳ, калом, шеър ва адаби араб дониши зиёде дошт ва нишонаҳои фазилат ва диндорӣ дар ӯ ошкор буд.[1]

**3- Кумайти Асадӣ**:

Шоире буд бузург. Забони гӯёи ӯ дар қолаби шеър барои дифоъ аз аҳли байти Паёмбар(с) суханони пурмағз месуруд. Шеъраш чунон кӯбанда ва расвогар буд, ки пайваста аз тарафи халифаҳои Умавӣ таҳдид ба марг мешуд.

Навиштани ҳақиқат ва дифоъ аз аҳли байти Паёмбар(с) дар он замон чунон хатарнок буд, ки ҷуз мардони нотарсу ҷасур касе ҷуръати сухан

[1] "Ҷомеуррувот" ҷ.1 саҳ.117-324-325



гуфтан надошт. Кумайт аз қавитарин чеҳраҳое аст, ки дар даврони ҳукумати Умавӣ аз марг наҳаросид ва то он ҷо, ки метавонист ҳақ гуфт ва симои ҳукуматро ба мардум ошкор сохт.

Кумайт дар бархе аз ашъори худ имомони ростинро дар муқоиса ба бани Умайя чунин нишон медиҳад:

> ***"Он роҳбарони додгар монанди Бани Умайя нестанд, ки инсонҳо ва ҳайвонҳоро як медонистанд. Онҳо ҳамчун Абдулмалик, Валид, Сулаймон ва Ҳишом нестанд, ки чун бар минбар нишинанд, суханоне бигӯянд, ки худ ҳаргиз ба он амал намекунанд". Умавиён суханони Паёмбар(с)-ро мегӯянд, аммо худ корҳои замони ҷоҳилиятро анҷом медиҳанд".[1]***

Кумайт шефтаи Имом Боқир(а) буд ва дар роҳи ин меҳр худро фаромӯш мекард. Рӯзе дар назди Имом(а) шеъреро, ки дар мадҳи ӯ суруда буд, мехонд. Имом(а) ба Каъба рӯ овард ва се бор фармуд: Худоё Кумайтро раҳмат кун. Баъд ба Кумайт рӯ овард ва гуфт:

- Сад ҳазор дирҳам аз хонадонам барои ту ҷамъоварӣ кардаам.

Кумайт гуфт:

[1] "Ашшиа вал ҳокимун" саҳ.128

- Ба Худо қасам ҳаргиз симу зар намехоҳам, фақат яке аз пироҳанҳои худро ба ман диҳед ва Имом(а) пироҳани худро ба ӯ дод.[1]

Рӯзи дигар дар назди он ҳазрат нишаста буд ва Имом(а) ба дилтангӣ аз замона ин шеърро хонд:

**"Заҳабал лазина йуъошу фӣ акнофиҳим,**

**Лам йабқа илло шотимун ав ҳосидун".**

***"Родмардоне, ки мардум дар паноҳашон зиндагӣ мекарданд, рафтанд ва ҷуз ҳасудону бадгӯён касе боқӣ намонд".***

Кумайт фавран посух дод:

**"Ва бақо ъало заҳрил баситати воҳидун,**

**Фаҳувал муроду ва анта зокал воҳид".**

**Аммо бар рӯи замин як тан аз он бузургмардон боқӣ аст, ки ӯ муроди ҷаҳониён аст ва ту он яктан ҳастӣ."**[2]

**4- Муҳаммад ибни Муслим**:

Фақеҳи Аҳли Байт ва яке аз ёрони ростини Имом Боқир(а) ва Имом Содиқ(а) буд. Имом Содиқ(а) ӯро яке аз он чаҳор тан шуморидаанд, ки осори паёмбарӣ ба вуҷудашон побарҷо боқӣ аст.

Муҳаммад аз Кӯфа буд ва барои баҳра гирифтан аз дониши бекарони Имом Боқир(а) ба Мадина омад ва чаҳор сол дар Мадина монд.

---

[1] "Сафинатулбиҳор" ҷ.2 саҳ.496

[2] "Мунтаҳаломол" чопи 1372-и қамарӣ, саҳ.7, ҷ.2.



Абдулло ибни Абӯяъфур мегӯяд: ба Имом Содиқ(а) гуфтам, ки гоҳе аз ман саволҳое мекунанд, ки ҷавобҳои онро намедонам ва ба шумо низ дастрасӣ надорам, чӣ кор кунам?

Имом ба ман Муҳаммад ибни Муслимро муаррифӣ кард ва фармуд: Чаро аз ӯ намепурсӣ[1]...

Дар Кӯфа зане шабҳангом ба хонаи Муҳаммад ибни Муслим омад ва гуфт:

- Ҳамсари писарам мурда аст ва фарзанди зинда дар шикам дорад, таклифи мо чист?

Муҳаммад ибни Муслим гуфт:

- Бинобар он чи, ки Имом Боқир(а) фармудааст, бояд шиками ӯро бишкофанд ва бачаро берун оваранд. Сипас мурдаро дафн кунанд.

Он гоҳ аз зан пурсид:

- Маро аз куҷо ёфтӣ?

Зан гуфт:

- Ин масъаларо ба назди Абӯҳанифа бурдам ва ӯ гуфт: Дар ин бора чизе намедонам. Ба назди Муҳаммад ибни Муслим бирав ва агар фатвое дод, маро огоҳ соз...

---

[1] "Туҳфатулаҳбоб"-и Муҳаддиси Қумӣ саҳ.351, "Ҷомеуррувот" ҷ.2, саҳ.164.

Рӯзи дигар Муҳаммад ибни Муслим дар масҷиди Кӯфа Абӯҳанифаро дид, ки дар ҷамъи асҳоби худ ҳамон масъаларо ба миён гузоштааст.[1]

**Шаҳодати Имом Боқир (а)**

Имоми гиромӣ Боқирулулум ҳафтуми зиҳиҷҷаи соли 114-и ҳиҷрӣ дар панҷоҳуҳафтсолагӣ дар замони ҳукумати Ҳишом ибни Абдулмалик масмум[2] ва ба шаҳодат расиданд. Имом (а) дар шомгоҳи вафот ба Имом Содиқ(а) фармуданд:

> ***“Ман имшаб ҷаҳонро падруд хоҳам гуфт. Падарамро дидам, ки шарбати гуворо назди ман оварданд, нӯшидам ва маро ба сарои ҷовид ва дидори ҳақ башорат доданд”.***

Рӯзи дигар тани поки он дарёи бекарони дониши худоиро дар хоки қабристони Бақиъ, канори оромгоҳи Имом Ҳасан(а) ва Имом Саҷҷод(а) ба хок супориданд. Саломи Худо бар ӯ бод.[3]

* * * *

[1] “Риҷол”-и Кашшӣ саҳ.162

[2] Заҳролуд.

[3] Ба китобҳои: “Кофӣ” ҷ.1 саҳ.469 ва ҷ.5 саҳ.117, “Басоируддараҷот” саҳ.141, чопи сангӣ муроҷиат шавад.



Инак бо ҳам аз сарчашмаи зулоли маърифат ва дониши он бузургвор баҳраманд мешавем:

**** Дурӯғ харобии имон аст.***

**** Мӯъмин тарснок, ҳарис ва бахил намешавад.***

**** Ҳарис бар дунё ҳамчун кирми абрешим аст, ки ҳарчи пилларо бар худ бештар бипечад, берун омаданаш мушкилтар мешавад.***

**** Аз таъна задан бар мӯъминон бипарҳезед.***

**** Бародари мусулмонатро дӯст бидор. Барои ӯ он чи барои худ мехоҳӣ, бихоҳ ва он чиро бар худ намеписандӣ бар ӯ махписанд.***

**** Агар мусулмоне барои дидор ё ҳоҷате ба хонаи мусулмоне биёяд ва ӯ дар хона бошад ва иҷозати даромад ба ӯ надиҳад ва инчунин худ ба дидори ӯ берун наояд, пайваста ин соҳиби хона дар лаънати Худо хоҳад буд, то он гоҳ, ки якдигарро мулоқот кунанд.***

**** Ҳамоно Худованд боҳаё ва бурдборро дӯст медорад.***

**** Он ки хашмашро аз мардум боз дорад, Худованд азоби қиёматро аз ӯ нигаҳ дорад.***

**** Онон ки амри ба маъруф ва наҳйи аз мункарро айб медонанд, мардумони бад ҳастанд.***

**** Ҳамоно Худованд бандаеро, ки душман дохили хонаи ӯ шавад ва ӯ бо вай мубориза накунад, душман дорад.***

***Поён.***

## Мундарича

Сарсухан ........................................................ 5
Валодат .......................................................... 9
Дониши Имом (а)............................................. 11
Ахлоқи Имом Боқир (а)..................................... 15
Имом ва Умавиён ............................................. 18
Имом ба мухолифон исбот мекунад................ 24
Зарби сиккаи исломӣ ба дастури Имом (а) ..... 27
Асҳоби Имом Боқир (а) ..................................... 31
Шаҳодати Имом Боқир (а) ................................ 37